# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Ҳоҷибоева Раънохон Мӯҳсиновна дар мавзуи «Усули арт-терапия ҳамчун воситаи ташхис ва ислоҳнамоии психологии ҳолати стрессии шахс» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯи ихтисоси 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология.**

Мубрамияти мавзуи дар рисола таҳқиқшавандаро ҳолати стресси шахс ифода менамояд, ки масъалаи муҳими педагогию психологӣ буда, ташхис ва ислоҳи он тавассути усули арт-терапияро дар бар мегирад. Ба давраи муосири ҳаёти мамлакат пурзӯр шудани талабот ба тамоми соҳаҳои фаъолияти ҷомеа хос мебошад. Онҳо бидуни истисно ба одамони фаъол, солим, муваффақ, рақобатпазир ва соҳибкасб нигаронида шудаанд, ки дар ин радиф донишҷӯён мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Дар марҳалаи кунунии рушди системаи таҳсилоти олии касбӣ вазифаи асосӣ таъмини сифати он буда, ташаккули шахсият, ҳалли пурраи ин мушкилот бидуни саъю кӯшиши мақсаднок, инкишоф додани баъзе малакаҳои акмеологии касбият, алалхусус, муқовимат ба стресс душвор аст.

Дар ҳар сурат, таҳсил дар мактаби олӣ барои бисёр донишҷӯён бо стресс ҳамроҳ аст. Донишҷӯ бояд мушкилотро паси сар карда, нақшаҳои навро аз худ намояд, ба шароити нави фаъолият мутобиқ шавад. Далелҳои зиёде мавҷуданд, ки стресси музмин шарики ҳаётии донишҷӯён аст. Муҳаққиқон сабабҳои стрессро дар донишҷӯён бо мушкилоти молиявӣ, манзил, амният ва ғайра алоқаманд мешуморанд.

Дар баробари ин, мушкилоти пайдошавии ҳолатҳои стресс дар фаъолияти таълимӣ ва ташаккули устувории шахс ба стресс мавриди таваҷҷӯҳи махсус қарор дорад. Тавре ки амалия нишон медиҳад, яке аз воситаҳои самараноки мубориза бо ҳолатҳои стресси донишҷӯён машғулиятҳои мунтазами арт-терапия маҳсуб меёбанд. Арт-терапия (терапия бо санъат) ҳамчун як самти нави психотерапия дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX пайдо шуд. Мазмуну мундариҷа ва далелҳои мавҷудаи кори диссертатсионии унвонҷӯ Ҳоҷибоева Р.М. дар мавзуи «Усули арт-терапия ҳамчун воситаи ташхис ва ислоҳнамоии психологии ҳолати стрессии шахс» нишон медиҳад, ки мақсад ва вазифаҳои гузошташуда иҷро гардидаанд.

Дастовард ва арзишнокии илмии кори диссертатсионии Ҳоҷибоева Раънохон Мухсиновна дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф миқдори хеле калони маводҳои боэътимоди ватаниву хориҷӣ, сарчашмаҳои илмиро таҳқиқ, муқоиса ва онҳоро аз тарафҳои мухталиф бо ҳам гузоштааст. Як

қатор методҳои таҳқиқотии байни ҳам алоқамандро вобаста ба мақсад, объекту предмети рисола, комилан мувофиқ истифода бурдааст. Аз ин рӯ, хулосаҳои ӯ аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, муаллиф ҳамаи ҷанбаҳои таҳқиқотро мантиқан дуруст ҷамъбаст менамояд. Чунин муносибат нисбати маводи омӯхташаванда ба диссертант имкон дод, ки ҳамаи вазифаҳои гузошташударо ба пуррагӣ ҳал намояд.

Дар ҷараёни таҳқиқот Ҳоҷибоева Р.М. методҳои умуминазариявӣ (таҳлили адабиёт, муқоиса, аналогия ва абстраксиянамоӣ), эмпирикӣ (анкета, сӯҳбат); ташхисӣ (тестгузаронӣ) истифода намудааст, ки ягонагии ташхиси психологиро таъмин намудаанд. Ҷамъоварии маълумоти таҷрибавӣ бо истифода аз як қатор методҳо, ба монанди методи Ҷадвали қиёсии стресси психологӣ PSM-25, тести стресси таълимии Ю.В. Шербатих, ташхиси ҳолати стресс А.О. Прохоров, тест барои муайян кардани устувории шахс ба стресс М.В. Киршева ва Н.В. Рябчиков, методикаи «Копинг-рафтор дар вазъиятҳои стрессӣ CISS» (С. Норман, Д.Ф. Эндлер, Д.А. Ҷеймс, М.И. Паркер), тестҳои проективии «Дарахт» ва «Одам дар зери борон» амалӣ карда шуд.

Мувофиқи сохтор ва мундариҷаи рисолаи илмӣ таҳқиқи амалӣ-эмпирикии муаммоҳои стресси таълимии донишҷӯён пешниҳод гардидааст. Барои иҷрои амалии мақсаду вазифаҳо ва тасдиқ намудани фарзияи таҳқиқот, муаллиф тавсифи умумии методҳои таҳқиқотӣ ва иштирокчиёни онро интихоб кардааст, ки бо воситаи онҳо стресси таълимӣ, зоҳиршавии стресс, усулҳои бартарафкунии стресс ва дараҷаи ҳаяҷон, аломатҳои зоҳиршавии стресси имтиҳонӣ, дараҷаи худназораткунӣ ва идоранамоӣ дар вазъиятҳои стрессовар ва дараҷаи устуворӣ ба стресс муайян карда мешаванд..

Ба унвонҷӯ муяссар гаштааст, то ин методикаҳои интихобшударо тарҷума намуда, вобаста ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқотии худ модификатсия ва мутобиқ намояд, аз онҳо эҷодкорона истифода барад, таҳлили сифатию миқдории натиҷаҳои бадастовардашударoo пешниҳод намояд. Натиҷаҳои озмоишҳо дар шакли ҷадвалҳо, диаграммаҳо ва расмҳо аз рӯи шаклгирии стресси таълимӣ, зоҳиршавии стресс, усулҳои бартарафкунии стресс ва дараҷаи ҳаяҷон, аломатҳои зоҳиршавии стресси имтиҳонӣ, дараҷаи худназораткунӣ ва идоранамоӣ дар вазъиятҳои стрессовар ва дараҷаи устуворӣ ба стресс коркард ва пешниҳод карда шудаанд. Инчунин таҳлили муқоисавии натиҷаҳои таҳқиқи дараҷаи зоҳиршавии стресси таълимӣ дар ду факултет гузаронида шудааст.

Таҳлили коррелятсионии нишондиҳандаҳои стресси таълимӣ дар муқоиса бо зоҳиршавии стресс тарҳрезӣ карда шудааст, ки иштирокчиёни

таҳқиқотро 298 нафар донишҷӯёни факултетҳои МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ташкил медиҳанд.

Истифодаи методҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ ба Ҳоҷибоева Р.М. имконият додааст, ки иҷроиши мақсаду вазифаҳои таҳқиқотӣ, амалисозии фарзияи илмии худро таъмин намояд. Хулосаи бобҳо ва адабиёти истифодашуда ба мавзуъ ва мазмуну мундариҷаи рисолаи номзадӣ мувофиқат менамояд.

Дар ҷараёни корҳои озмоишии таҳқиқотӣ унвонҷӯ Ҳоҷибоева Р.М. бахри ноил шудан ба натиҷаи амиқ саъю талошҳои пайгирона зоҳир кардааст. Дар вақти корбарӣ бо озмудашавандагон, ҳангоми муоширату муносибат бо донишҷӯён сабру тоқат, таҳаммулпазирӣ ва фарҳанги педагогии худро хеле бамаврид истифода бурда, сазовори эҳтирому эътирофи хосаи онҳо гардидааст.

Масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда дар доираи яке аз самтҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ҷараён гирифтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мешавад:

- қисматҳои асосии мундариҷавии хусусиятҳои психологии ҳолатҳои манфии эмотсионалии шахсият тавассути усулҳои арт-терапия асоснок шудаанд;

- шароити психологие, ки самаранокии ташхис ва ислоҳнамоии ҳолатҳои манфии эмотсионалии шахс (стресс) - ро таъмин мекунад, муайян гардид;

- арт-терапия ҳамчун воситаи самараноки ислоҳнамоии психологии ҳолати стресси донишҷӯён муайян карда шудааст;

- роҳҳои ташхис ва ислоҳнамоии психологии ҳолатҳои стрессии шахс тавзеҳ гардидаанд;

- барномаи “Усули арт-терапия ҳамчун воситаи ислоҳи ҳолатҳои стресси донишҷӯён” коркард ва татбиқ гардида, самаранокии он озмуда шудааст.

Хулосаҳои аз пажуҳиш бадастовардаи муаллиф эътимоднок буда, тавсияҳои дар рисолаи тазаккурёфта асоси қавӣ доранд.

Диссертатсияи Ҳоҷибоева Раънохон Муҳсиновна бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи таҳқиқоташ дар маҷмуъ 54 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз он 8 ададашон дар саҳифаҳои маҷаллаву маҷмуаҳои илмии дар феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ФР вуҷуддошта интишор шудаанд. Инчунин 39 мақолаи илмии дигари номбурда дар маҷаллаву маҷмуаҳои илмии ҷумҳуриву хориҷ аз он нашр гардидаанд, ки онҳо мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Диссертатсияи Ҳоҷибоева Раънохон Мухсиновна "Усули арт-терапия ҳамчун воситаи ташхис ва ислоҳнамоии психологии ҳолати стрессии шахс" ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯи ихтисоси 19.00.01 - Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология аст.

**Роҳбари илмӣ:**
Номзади илмҳои психологӣ, дотсенти
кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» **Зайтметов Ҳ.А.**
"_27_" ___майи___ соли 2024

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков, 1. Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров».
Тел: (92) 991-11-03
E-mail: zaytmtovk@mail.ru.

"Имзои дотсент Ҳ.А.Зайтметовро тасдиқ мекунам":
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии**
**Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»** **Ҳусейнова З.С.**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вил. Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1.
тел.: (+992) 92 805 70 07
E-mail: zarrina_14.10.70@mail.ru
"_28_" ___майи___ соли 2024